**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна таҳти унвони "Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D012000-Таълими касбӣ(6D012001.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ)**

Мавзӯи интихобкардаи диссертант Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна таҳти унвони «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси "Дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ" дар раванди таълими фанни "Тарҳрезии либос» - ро яке аз мавзӯъҳои мубрам ва муҳим ҳисобидан мумкин аст, зеро тағйир ёфтани парадигмаи таҳсилотӣ, ки дар гузариш аз таҳсилоти донишандӯзӣ ба таҳсилоти ба шахсият нигаронида, зуҳури стандартҳои нави таҳсилотӣ ифода меёбад, роҳро ба бозсозии бунёдии тамоми раванди таҳсилот кушод. Дар шароити муосири таҷдиди низоми таҳсилоти олӣ ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён барои илму амалияи педагогӣ аҳамияти махсусро касб мекунад.

Диссертант Ӯзбекова М. А. оид ба зарурати ворид намудани тағйирот дар таълимро баён намуда, қайд менамояд, ки таҳлили ҳаматарафаи ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангии инкишофи ҷомеаи башарӣ собит месозад, ки таваҷҷӯҳ ба рушди гармоникии шахсиятии ҳар фард ва омодасозӣ ба ҳаёти зудтағйирёбанда дар шароити тараққии босуръати техника, илм ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъият масъалаи ташаккули қобилияти эҷодиро ба мадди аввал мебарорад. Масъалаи тарбияи қобилият бошад дар илмҳои педагогикаю психология чун яке аз масъалаҳои муҳим боқӣ мемонад.

Дар муқаддимаи диссертатсия тамоми меъёрҳои таълифи муқаддимаи корҳои илмӣ ба рисолаҳои докторӣ (PhD) ҷавобгӯ буда, муаллиф Ӯзбекова М.А. бо зикри мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблема, мавҷудияти муаммо ва ихтилоф, объект, мавзӯъ ва ҳадаф, масъалаи таҳқиқот инчунин ғояи пешбар, асоси

методологӣ, сарчашма ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот собит кардааст, ки ҳангоми таҳқиқ ба адабиёти истифодашуда ва сарчашмаҳои муҳим сару кор гирифта, истифодаи методҳои анъанавӣ ва муосири илмиро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонидааст.

Тавсифи умумии автореферат аз мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот аз рӯи мавзӯи диссертатсия, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадаф, объект, масъалаҳои таҳқиқот, усули таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва сохтори диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Чун аз автореферат бармеояд, диссертатсия аз 2 боб ва 6 фаслҳо иборат буда, боби аввал “Асосҳои назариявии ташаккули қобилияти эҷодӣ” ва боби дуюм “Мазмун ва таркиби фаъолияти касбии муттахассисони дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни “Тархрезии либос” унвон гирифтаанд. Дар автореферат оид ба ин бобҳо маълумоти муфассал ва тамоми ҷанбаҳои ин масъаларо дарбаргиранда оварда шудааст.

Бояд гуфт, ки мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна дар зиёда аз 29 номгӯи корҳои илмӣ инъикос карда шудааст, аз ҷумла 11 ма□олаи илм□ дар маҷаллаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки таҳқиқотеро, ки аз тарафи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна ба иҷро расонидааст, аз нигоҳҳои назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумӯи илми педагогикаи муосир саҳмгузор мегардад.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна тахти унвони «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тархрезии либос таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯй ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D012000 – Таълими касбӣ (6D012001.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
фанҳои риёзӣ - табиатшиносии муосири
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон _________ Азимова Назира Самадовна

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,
Маҳаллаи 17, хонаи 1, тел.:+992(3422)-23811, моб.:+992(92)70707107
Почтаи электронӣ:nazira-tgu@mail.ru
Вэб сомона: www.tsulbp.tj

Имзои Н.С. Азимоваро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон И.Ҳ. Мирпоччоев